«Тасдиқ мекунам»
Муовини якуми Вазири нақлиёти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________ Бобозода Р. Б.
“24” октябри соли 2024

# ПРОТОКОЛИ

## Ҷаласа Гурӯҳи кории байниидоравии «Раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ» дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ш. Душанбе 23 октябри соли 2024

Иштирок доштанд:

Дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба Раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд. (руйхат замима мегардад).

Рузномаи ҷаласа:

1. Муаррифии “Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт”.
2. Муаррифии “Тартиби ташаккулёбӣ ва истифодаи Фонди Роҳи назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”.
3. Омузиш дар мавзуи “Арзёбии сиёсати иқтисодӣ ҷиҳати беҳнар намудани идоракунӣ”.

Ҷаласаро Бобозода Раҳим Бозор - Муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои

банақшагирии стратегӣ барои аъзои Гурӯҳи корӣ оид ба Роҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ масъалагузорӣ намуд, сипас Мадҷон М. - Ҳамоҳангсози Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нақши Шӯро дар амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БМР 2021-2025) ва Ҳадафҳои рушди устувор маълумот пешниҳод намуд. Қайд карда шуд, ки Шӯро мақоми машваратӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо мақсади таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масъалаҳои амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон вобаста ба Рӯзномаи 2030 таъсис дода шудааст. Дар доираи Шӯро Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ аз рӯи 14 ҳадафу афзалиятҳои стратегии рушди кишвар фаъолият менамоянд, ки мақсади асоси онҳо баррасии роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои миллии гузошташуда мебошад.

Сипас, тибқи рузномаи ҷаласа аз ҷониби Ёқубзода Сухроб – Директори КВД “Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт” вобаста ба муаррифии “Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт” рӯнамо пешкаш гарид, қайд карда шуд рақаммкунонӣ дар бахши нақлиет ба туфайли технологияҳо, аз қабили таҳлили пешгӯишаванда ва автоматизатсия, ки мониторинги воқеӣ ва оптимизатсияи логистикаро имкон медиҳанд, самаранокии амалиет ва таҷрибаи муштариенро баланд мебардоранд. Барои рушди иқтисодиёти мамлакат, ин тағирот имкониятҳоро барои беҳтар кардани низоми нақлиёти ҷамъиятӣ, такмил додани идоракунии инфрасохтор ва пешбурди ташаббусҳои устуворӣ, ки дар ниҳоят ба беҳтар кардани хизматрасонӣ ва кам кардани таъсири муҳити зист оварда мерасонад.

Аз ҷониби иштирокчиён муҳокимаронихои пурмуҳтаво атрофи масъалаи мазкур сурат гирифт. Вобаста ба роҳандозии технологияҳои иттилоотӣ, бунёди марказҳои логистикӣ, тақвият бахшидани ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва

бахши хусусӣ ҷиҳати ҷалби маблағҳои молиявӣ барои татбиқи рақамикунонии соҳаи нақлиёт суханронӣ карда шуд.

Вобаста ба масъалаи дуюми рузномаи ҷаласа аз ҷониби Ниёзов Салим – машваратчии маҳаллӣ дар мавзуи “Тартиби ташаккулёбӣ ва истифодаи Фонди Роҳи назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” рӯнамо пешкаши аъзои гуруҳи корӣ гардид, ки мақсади асосии таъсиси фонди роҳ ин Таъмини иҷрои уҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созишномаи грантии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёгии Рушд оид ба сохтмони роҳи автомобилгарди Обигарм-Нуробод (долонҳои 2, 3 ва 5 Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ) ва банди 18 Нақшаи амалигардонии чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №706 “Дар бораи Барномаи ҷорӣ намудани низоми идоракунии дороиҳои роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024” ба ҳисоб меравад.

Сипас, аз ҷониби мушовири миллии Барномаи Рушди СММ - Одинаев О. М. Муаррифии “Арзёбии сиёсати иқтисодӣ ҷиҳати беҳтар намудани идоракунӣ” рунамо пешкаши иштирокчиёни ҷаласа гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки Ҳадафи асосии баргузории тренингҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои арзёбии сиёсат ҷиҳати беҳтар намудани идоракунӣ:
-барои самаранокии идоракунии давлатӣ саҳм мегузорад;
-барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ, ки ба пешрафти кишвар ва некӯаҳволии мардум равона гардидааст, мусоидат менамояд;
-барои баланд бардоштани сифати ҳисоботдиҳӣ ва беҳтар намудани раванди қабули қарорҳо шароит фароҳам меорад ва;
-барои баланд бардоштани малака, салоҳият ва дониши (нерӯи) хизматчиёни давлатӣ кӯмак мерасонад.

Баъд аз пешниҳоди рунамоҳо дар қисмати муҳокимарониҳо ва саволу ҷавоб дар доираи баррасии ҳар як мавзуъ иштирокчиёни ҷаласа фикру ақидаҳои худро иброз доштанд. Аз ҷумла аз ҷониби намояндаи Ассотсиатсияи байналмилалии

нақлиёти автомобилии Тоҷикистон вобаста ба навсозии гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои суръат бахшидани интиқоли молҳо, ҷиҳати сифати роҳҳои автомобилгард ва рушди долонҳои нақлиетӣ, сохтани таваққуфгоҳҳо ва минтақаҳои хидматрасонии нав барои интиқолдиҳандагони байналмилалӣ, барои содда кардани расмиети транзитӣ тавассути қаламрави Тоҷикистон, татбиқи низоми рақамӣ барои пайгирии бор ва оиди созишномаҳо бо кишварҳои ҳамсоя барои осон кардани ҳаракати борҳои фаромарзӣ саволу пешниҳодҳо дода шуд.

Дар анҷоми ҷаласа ҳамоҳангсози Котиботи Шӯрои миллии рушд аз аъзои гурӯҳи корӣ ҷиҳати боз ҳам тақвият додани ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои дар БМР 2021-2025, СМР-2030 ва ҲРУ даъват ба амал овард.

Баъд аз баррасии хаматарафаи масъалаи рӯзнома, ҷиҳати фаъол гардидани гурӯҳи кории «Раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ» дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таклифу пешниҳодҳои иштиркчиён қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Дар доираи ваколатҳои “Шӯрои маркази миллии рушд” гурӯҳи алоҳида оид ба рақамикунонӣ ва амнияти иттилоотӣ ташкил карда шаванд.
2. Дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, барои шаҳрвандони хориҷӣ ҷиҳати пардохти маблағҳо ба таври ғайри нақдӣ имконият фароҳом оварда шавад.
3. Вобаста ба ташкили Тартиби ташаккулёбӣ ва истифодаи фонди роҳ чораҳоизарурӣ андешида шавад.

Қарори қабулшудаи мазкур, аз ҷониби иштирокчиён қабул карда шуд. Зид ва бетараф нест.

Котиби ҷаласа: Асахуҷаева З.